«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ,
профессор ____________Назарзода Х. Х.
«_25_» ____________ соли 2025

**ХУЛОСАИ**

ҷаласаи васеи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба экспертизаи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» аз ҷониби Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, 29 – уми майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 – 2012 донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (дипломатия) хатм кардааст.

Соли 2012 – 2015 донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Соли 2015 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст.

Аз соли 2012 то соли 2017 ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ.

Аз соли 2017-2020 ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии ва аз соли 2020 муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 12 – уми марти соли 2022, қарори №10 тасдиқ гардидааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйихати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 175 саҳифа

оварда шудааст, ки он 6 диаграмма 16 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 130 номгӯй иборат аст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Маҳмадризозода Б.М. бо истифода аз методҳои илмӣ дар самти тавсеаи донишҳо доир ба такмилдиҳии андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Султонов Зоир Султонович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаолияти бонкӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) 29.06.2018с, фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) 27,12.2018с ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) 17,02.2025с дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» хулосаи зерин бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар шароити муосир рушди пайвастаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюл ба инноватсияи иҷтимоӣ дорад вусъатбахшии иқтидори рақобаттавонӣ ва афзоиши афзалиятҳои муқоисавии онро дар илм, маориф ва технологияи сатҳи баланд тавъам намудан аҳамияти хоса дорад. Дар ин замина сиёсати маориф ба яке аз воситаҳои муҳими рушд, таҳкимбахши инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равона мегардад.

Ба андешаи муаллиф, рақобатпазирии низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути татбиқи стратегияҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва паст намудани хароҷоти талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ ба даст овардан мумкин аст. Зеро, иқтисоди рақобатпазири муосир – ин иқтисоди ба таҳсилот ва дониш асосёфта буда, фаъолияти таълимӣ муҳимтарин унсури инфрасохтори иқтисодиёт аст, ки соҳаҳои гуногунро бо кадрҳои баландихтисос таъмин намуда, ба рушди истеҳсолоти моддӣ ва ҳам соҳаи хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Аз тарафи дигар, аҳамияти муҳими иқтисодиву иҷтимоии ин соҳа давлатро водор сохтааст, ки ба муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти онҳо ва роҳ надодан ба афзоиши нархҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, имтиёзҳои андозбандиро пешниҳод намояд. Илова ба ин, муқаррар намудан ва ситонидани маҳз андоз аз арзиши иловашуда аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушкилот ва муаммоҳои бештареро рӯйи кор меорад, ва танзими илман асосноку самаранокро талаб менамояд.

Бо ин мақсад муайян намудани ҷанбаҳои муфид ва манфиатовари андозбандии ин соҳа, ки сарчашмаи ғанигардонии буҷаи давлат ба ҳисоб рафта, дар ин замина татбиқи барномаву стратегияҳои кишварро асос мегузорад. Дар замони муосир яке аз масъалаҳои ниҳоятан мубрам дар ҷаҳони муосир ва хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» робита дорад.

Дар баробари мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодиёти муосир, рушди фазои рақамӣ, ҳамкории тарафайни бевоситаи зерсохторҳои соҳаи молия имкон медиҳад, ки масоили зиёди мушкилоти баланд бардоштани сифати таълим, ки ба талаботи рушди шахсият, ҷомеа ва рушди устувори кишвар ҷавобгӯ мебошад, таъмини мутобиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ бо талаботи бозори меҳнат, мукаммал ва устувор намудани низоми андоз дар кишвар, ки тавонад талаботҳои сармоягузорони хориҷиро таъмин намуда, ҷалби онро боз ҳам тақвият бахшад, таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ оид ба иҷроиши

саривақтии даромадҳои андозиву ғайриандозии буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, ҷорӣ намудани низоми муосири электронии баҳисобгириҳои андозӣ, такмили усулҳои банақшагирӣ ва пешгӯйӣ, дар ниҳоят озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба онҳо, аз ҷумла барои хариди воситаҳои асосӣ ва рушди стратегияи иктисоди миллӣ муосидат менамояд.

**4.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 14 кори илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Маҳмаризозода Б.М. Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2025. -№ 1 (56) 1/2025 С.230-235. ISSN 2308-054X.

[2-М]. Маҳмаризозода Б.М. Баҳодиҳии ҳолати иқтисодии муассисаҳои ғайрибуҷетии соҳаи маориф ва тақвият ёфтани он тавассути дасгирии давлатӣ [Матн] / З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.317-323. ISSN 2308-054X.

[3-М]. Маҳмаризозода Б.М. Тартиби пардохтҳои ҳатмӣ ва андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.192- 197. ISSN 2308-054X.

[4-М]. Маҳмаризозода Б.М. Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№4/ (59). 2024 С.197-200. ISSN 2707-8000

[5-М]. Қурбонов Б.М. Асосҳои назариявии андозбандии муассисаҳои олии таълимӣ дар шароити муосир [Матн] /Ғ Д Ашуров А Р Қурбонов Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№2/1 (46).С.52-55. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Қурбонов Б.М. Вазъи муосири андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили он дар Ҷумҳурии Таҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№4/2 (50).С.195-202. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Қурбонов Б.М. Мушкилоти танзим ва маъмурияти андоз дар муасисаҳои олии касбӣ [Матн] / Ғ Д Ашуров Б.М. Қурбонов // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- «Дониш» Душанбе, 2023. -№3,2023 (272).С.137-144.

[8-М]. Қурбонов Б.М. Андозбандии муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2022. -№ 2 (14).С.61-64. ISSN 2707-9996.

[9-М]. Қурбонов Б.М. Чанд тавсия оид ба рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/2 (39).С.92-95. ISSN 2308-054X.

[10-М]. Қурбонов Б.М. Таҷрибаи хориҷии андозбандии низоми маориф [Матн] / Ғ Д Ашуров Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/1 (38). С.125-127. ISSN 2308-054X.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[11-М]. Қурбонов Б.М. Тартиби андозбандии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Маводи конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир». -Душанбе, 2023. -С. 132-135.

[12-М]. Қурбонов Б.М. Мавқеи андозбандӣ низоми муносибатҳои тақсимотии арзиш [9-М]. А.Р Қурбонов., Н.Д. Максумова., Б.М. Қурбонов / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инновасионнӣ». -Душанбе, 2021. -С. 211-216.

[13-М]. Қурбонов Б.М. Фалсафаи андоз ва андозбандӣ [Матн] / Қурбонов. А.Р., Қурбонов Б.М. // Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир. -Душанбе, 2019. -С. 56-63.

[14-М]. Қурбонов Б.М. Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / А.Р Қурбонов, Б.М. Қурбонов [Матн] / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи – Таджикистан и соврменный мир: Актуальные проблемы развития инновационной экономики. – ш. Душанбе 2018. - С. 339-342.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти зерсохтори соҳаи молия, ниҳодҳои андоз ва суғурта метавон истифода бурд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Султонов З.С., баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., Саидова М.Х., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев А.А. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Ҳалимов Л.М., Ҳамитов М.С., Машокиров Ҷ.Н. ва Дустматов Б. маҷлиси васеи кафедраи андоз ва андозбандӣ хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо.

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯй ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси васеи кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровarда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 25 нафар иштирок доштанд. 23 нафар ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор 23 нафар

зид нест

бетараф нест

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 24 январи соли 2025, протоколи № 6 қабул шудааст.

Раиси маҷлис:

Мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ,

н.и.и., и.в.дотсент Раҷабов К.Р.

Котиби маҷлис, н.и.и. Шоназарзода Н.Ш.

«Имзоҳои Раҷабов К.Р.ва

Шоназарзода Н.Ш.- ро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва

корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.